Асоси таҳқиқоти мазкурро натиҷаҳои таҳқиқоти 85 кӯдаки гирифтори лейкози шадид ташкил медиҳад, ки дар шуъбаи гематологияи кӯдаконаи Маркази миллии тиббии ҶТ «Шифобахш» ва Маркази вилоятии онкологии ш. Бохтар дар давраи солҳои 2015-2019 таҳти муолиҷа қарор доштанд. Ба гурӯҳи таҳқиқшаванда 32 кӯдаки дорои ташхиси лейкози шадиди миелобластӣ (ЛШМ) ва 53 кӯдак бо лейкози шадиди лимфобластӣ (ЛШЛ) дохил карда шуда буданд.

Ҳангоми омӯхтани хусусиятҳои синну солии кӯдакони гирифтори лейкози шадид муайян карда шуд, ки кӯдакони аз 3 то 7-солаи дорои ЛШМ 7,0% -ро, дар гурӯҳи ЛШЛ бошад - 12 нафар (14,1%) аз миқдори умумии беморонро ташкил дод. Дар синну соли аз 7 то 10-сола кӯдакони бемори дорои ЛШМ 11,8%, дар гурӯҳи кӯдакони бемори дорои ЛШЛ 29,4% аз миқдори умумии беморонро ташкил дод. Бояд қайд кард, ки қуллаи баланди беморшавии лейкози шадид дар гурӯҳи мутолиашаванда ба синну соли 7-10 солагӣ рост меояд, ки 41,2% аз миқдори умумии беморонро ташкил медиҳад.

Ҳангоми омӯхтани хусусиятҳои ҷинсӣ дар гурӯҳи асосӣ муайян карда шуд, ки 51 (60,0%) –ро писарҳо ва 34 (40,0%)-ро духтарҳои дорои ЛШ ташкил доданд, аз онҳо 32 (37,6%) беморони дорои ЛШМ буданд- писарҳо 18 (57,3%) ва духтарҳо 14 (43,7%) ва 53 (62,4%) беморони дорои ЛШЛ - писарҳо 30 (56,7%), духтарҳо 23 (43,4%) буданд. бояд зикр кард, ки ЛШ дар гурӯҳи асосӣ дар

кӯдакон аз 7 то 10-сола зиёда аз 41,0%-ро ташкил дод. Миқдори камтарини кӯдакони гирифтори лейкози шадид дар гурӯҳи синну соли 14-17 дида шуд, ки 16,5% ташкил медиҳад.

Маълумотҳои клиникӣ-анамнезии кӯдакони гирифтори лейкози шадидро ҷамъбаст намуда, зикр кардан лозим аст, ки ҳангоми муроҷиати аввалин дар 48 кӯдак (56,5%) аз тарафи педиатрҳо дар маҳалҳо ташхиси ЛШ гузошта шуда буд, ки ин аз эҳтиёткории онкологии табибони шабакаҳои умумии табобатӣ дарак медиҳад.

Аз 85 кӯдакони гирифтори лейкози шадид 37 (43,5%)-и кӯдакон бо гумони ЛШ дар шуъбаҳои профили гематологӣ бистарӣ кунонида шуданд, дар протсесси ташхиси комплексӣ ташхиси болозикр тасдиқ шуд, ки эҳтиёткории ниҳоят зиёди онколгии табибони шабакаҳои умумии табобатӣ дарак медиҳад. Аз гурӯҳи кӯдакони дорои ЛШМ 15 бемор ва аз гурӯҳи ЛШЛ ОЛЛ 22 бемор ба шуъбахои махсуси гематологии кӯдаконаи ММТ ҶТ «Шифобахш» ва Маркази вилоятии онкологии шаҳри Бохтар аз шуъбаҳои гуногуни соматикӣ, бо гумонбарӣ аз ЛШ интиқол дода шуданд.

Аз миқдори умумии кӯдакони гирифтори ЛШ-и таҳқиқшуда 20 (23,5%) бинобар вазнин будани ҳолати умумиашон дар шуъбаи реаниматсия ва табобати интенсивӣ бистарӣ кунонида шуданд. Аз онҳо 6 (18,8%) –и кӯдаконро аз гурӯҳи ЛШМ ташкил доданд, 14 (26,4%) аз гуруҳи ЛШЛ буданд. Вазнинии ҳолати беморон бо шкалаи ECOG (Eastern Cooperative Oncology Groop) баҳогузорӣ карда шуд ва 3-4 баллро ташкил дод. Бемороне, ки дар шуъбаи реаниматсия ва табобати интенсивӣ бистарӣ кунонида шуда буданд, ҳангоми дохил шудан вазнинии ҳолаташон бо шкалаи ECOG баҳогузорӣ карда шуд, дар 9 (45%) 3 балл, дар 11 (55%) 4 балл ба мушоҳида расид.

Ҳангоми бистарӣ кунонидани кӯдакони гирифтори ЛШМ (32) дар 68,7% ЛШ дорои ҷараёни клиникии оризанок буданд: пневмония дар 10 (31,2%), аз онҳо дар 7 кӯдак пневмонияи яктарафа, дар се нафар пневмонияи дутарафа дида шуд, илтиҳоби саромосии бофтаҳои нарм дар 4 (12,5%) бо ҷойгиршавӣ дар қисми камар ва сатҳи рон, стоматити решӣ дар 15,5% бемор ба назар расид, ки дар стоматологи кӯдакон табобат карданд, пас аз гузоштани ташхиси асосӣ ба маркази махсуси гематологӣ фиристода шуданд.

Ҳамчунин бояд зикр кард, ки дар гурӯҳи кӯдакони дорои ЛШМ дар 3 нафар неврити асаби рӯй дар заминаи ЛШМ ташхис карда шуд. Бояд зикр кард, ки дар ҳамаи ҳолатҳо неврити асаби рӯй хусусияти дутарафа дошт, яке аз онҳо 12-сола ва ду нафар 7-сола буданд.

Дар организми одам микроорганизмҳои зиёду гуногун қарор доранд, ҷойи асосии зисти онҳо рӯдаҳо ба ҳисоб меравад. Миқдори онҳо метавонад то 10^{14} 10^{18} бирасад. Илман муқаррар карда шудааст, ки ҳолати физиологии занҷира аз бифидобактерияҳо, лактобактерияҳо, қалакмчаи рӯдаҳо бо хосиятҳои муътадили ферментативӣ иборат аст. Ҳангоми вайрон шудани таносуби микроорганизмҳо дисбактериоз-ихтилоли микроэкологии манзараи микробҳои рӯдаҳо рух медиҳад.

Бояд қайд кард, ки яке аз нишондиҳандаҳои муҳимми клиникии ҷараёни ЛШ колонизатсияи қабати луобии рӯдаҳо бо бактерияҳои тавлидкунандаи ферментҳои махсус барои худмуҳофизаткунӣ ба ҳисоб меравад, ки Бета-лактамази спектраш васеъ (БЛСВ) ном дорад.

Хосиятҳои дар боло зикршуда махсусан барои E coli ва клебсиелле тааллуқ доранд. Ферменти бета-лактамази спектраш васеъ имкониятҳои барерии бактерияҳоро баланд мебардорад, дар ин маврид метавонад ҳолатҳои гуногуни патологӣ, ба монанди протсесси сироятӣ-илтиҳобии системаи пешоброҳа, нефрит, сититро ба вуҷуд оварад,.

Аз узвҳои паренхиматозӣ бештар ба агрессия шушҳо дучор мешаванд. Бемор метавонад, ки дучори колонизатсияи микроорганизмҳои дар боло зикршуда шавад ва ё сироятнок гардад, бо баланд шудани консентратсияи бактерияҳо протсесси колонизатсия метавонад ба ҳолати патологӣ табдил ёбад ва ин ё он бемориро ба вуҷуд орад.

Дар беморони гирифтори ЛШ дар заминаи дефитсити системаи иммунӣ эҳтимоли сироятнок шудан аз бактерияҳо баланд аст.

Бета-лактамази спектраш васеъ (БЛСВ (энзинами) бактерияи энтералӣ аст ва масъули нигоҳ доштани таносуби микрофлораи рӯдаҳо мебошад, ки ба муборизa бар зидди агентҳои гуногуни патогенӣ, равона шудааст.

Дар ҳама организмҳои зинда бактерияҳои рӯдаҳо–ба таври дигар гӯем, флораи энтералии физиологӣ вуҷуд доранд. Онҳо барои ҳазм кардани маводҳои ғизо заруранд ва дар системаи иммунии

организм, мавқеи асосиро ишғол мекунанд.

Хатари бузурги пайдошавии дисбактериоз ба бактерияҳои антибиотикустувор алоқаманд аст, аз ҳисоби дуруст истифода намудани антибиотикҳо табобати бемориҳои гуногуни илтиҳобӣ шуда метавонад.

Бештари бемороне, ки дар рӯдаи онҳо бактерияҳои БЛСВ-ро тавлид мекунанд, онҳо одамони тақрибан солиманд-ё ҳомил, ҳомил будани барои табобати мақсаднок нишондод маҳсуб намешавад.

Агар сабаби дисбактериоз бактерияҳои БЛСВ тавлидкунанда бошад, зарурати истеъмол намудани антибиотикҳои спектри таъсирашон васеъ ба миёни меояд.

Дар 9 кӯдак аз гурӯҳи ЛШМ ва дар 16 кӯдак аз гурӯҳи ЛШЛ колонизатсияи бактерияҳои БЛСВ тавлидкунанда, асосан E. Coli (n=17), K. Pneumonia (n=8) дар қабати луобии рӯдаҳо дида мешавад. Дар айни замон ҳангоми омӯхтани тухмгузории P. Aeruginosa дар қабати луобии рӯдаҳо вуҷуд доштани ин микроб 8 (9,4%) кӯдак аз миқдори умумии онҳо дида шуд.

Дар 47 (55,2%) аз 85 кӯдак заминаи манфии соматикӣ мавҷуд буд, ки дар шакли дефитсити массаи бадан то 25% зоҳир мешуд. Бояд гуфт, ки 7 (8,2%) бемор талаф ёфтани вазни бадан то 34% аз вазни умумии бадани кӯдак расид.

Дараҷаи оксигенатсияи хуни канорӣ, ки бо пулсоксиметр муайян карда шудааст, муайян кард, ки сатҳи минималии оксигенатсия то 78% ва сатҳи максималӣ то 85% аст.

Дар системаи дилу рагҳо вуҷуд доштани кардиодилятатсия дар 5 бемор ташхис карда шуд. Ҷамъ шудани моеи серрозӣ дар ковокии кисаи дил дар 7 бемор муайян карда шуд. Ҳолати охирин ба вуҷуд доштани синдроми интоксикатсионӣ ва пайдошавии гипопротеинемия, сатҳи сафедаи умумӣ поёнтар аз 50 грамм дар литр алоқаманд аст.

Дар 26,4% - зуҳуроти осеби токсикии ҷигар ҷой дошт. Маъмулан, зуҳуроти гепатити токсикӣ бевосита ба таъсиррасонии агенти бегона, ба монанди омилҳои химиявӣ ва доруворигӣ вобаста аст.

Дар натиҷаи таъсири агент дар гепататситҳо зуҳуроти гипоксия ва баъдан пайдо шудани некроз ба мушоҳида мерасад. Ҳолати умумии кӯдакони дорои манзараҳои клиникии дар боло зикр-шударо ба инобат гирифта, зарурати бистарикунонидан дар шуъбаи реаниматсия ва табобати интенсивӣ пеш омад.

Ҳангоми ба статсионар муроҷиат кардан, дар ҳама кӯдакони бистаришуда манзараи мукаммали клиникӣ-лаборатории ЛШ мавҷуд буд.

Верификатсияи ташхис дар заминаи маълумотҳои таҳлили морфологӣ ва ситохимиявии мағзи устухон ва хун асоснок карда шудааст. Дар пунктати стернал ошкор кардани ҳуҷайраҳои бадсифат, ки миқдорашон аз 20 боло аст, барои ЛШ ташхис гузоштан асос шудааст, дар асоси таҳлили ликвор бошад, дараҷаи осеби майна, муайян карда шуд.

Бо дар назардошти дастовардҳои муосири фармакология, кӯдакони дорои ташхиси верификатсияшуда бинобар дар он вақт дар ҷумҳурии мо вуҷуд надоштани маркази махсус, схемаи оптималии химиотерапияро қабул карданд.

Таъсири ба организми кӯдакони гирифтори ЛШ-ро ба назар гирифта дараҷаи таъсири манфии химиопрепаратҳо бо ёрии шкалаи захрнокӣ версияи нав (CTCAEv.4.03) омӯхта шуд.

Бо мақсади баҳо додан ба ҳолати узвҳои миёндевор (стернум) беморон таҳқиқоти ТК, эхокардиография, ТУС (таҳқиқоти ултрасадой) –и узвҳои - паренхиматозиро иҷро кардаанд.

Ҳангоми ТК-и узвҳои миёндевор ва ковокии шикам дар 70 (82,3%)-и беморон чунин тағйиротҳои патологӣ муайян карда шуд. Бечошави узвҳои миёндевор аз ҳисоби калон шудани ғадудҳои лимфавии медиастиналӣ дар 62 (72,9%)-и беморон бо пайдо шудани бронхопневмония дар 7 (8,3%) бемор бо пайдо шудани дисфагияи дараҷаи якум. Дар ин беморон ЭГДС гузаронида шуд, ки дар он патологияи сурхрӯда ошкор карда нашуд.

Марҳилаи ремисссияи ҷузъӣ дар вақте ташхис карда шуд, ки дар таҳлилҳои ситологӣ на бештар аз 5% ҳуҷайраҳои бластоматозӣ дида мешавад. Ҳамаи ин дар заминаи набудани зуҳуроти лейкоз дар гемограмма аст. Тибқи протокол ҳамаи беморон дар давоми як ҳафтаи то саршавии марҳилаи якуми полихимиотерапия ба гормонотерапия фарогирифта шуданд.

Схемаи оптимизатсионии химиотерапия имконият медиҳад, ки дар кӯдакони гирифтори ЛШ 40-50% -и зиндамонии умумии панҷсола ба даст оварда шавад. Табобати мутобиққунандаи иловагӣ дар протсесси ХТ дар кӯдакони гирифтори ЛШ ба сифати омили асосии самаранокии табобати

зиддиомосӣ баромад мекунад

Ҷараёни оризаноки клиникӣ дар протсесси табобати ЛШ дар шакли протсесси сироятӣ-илтиҳобӣ ҳамеша ба натиҷаи табобат таъсири манфӣ мерасонад. Ташхиси саривақтӣ ва ислоҳи протсесси сироятӣ яке аз лаҳзаҳои калидии табобатӣ дар кӯдакони гирифтори ЛШ мебошад.

Дар кӯдакони гурӯҳи асосии дорои ЛШЛ бронхопневмония нисбат ба дигар намудҳои оризаҳои сироятӣ бартарӣ дошт. Дар кӯдакони гирифтори ЛШЛ гипертермияи этиологияаш номаълум нисбат ба бактериемия дар давраи консолидатсия 7.0 дар муқобили 5,0 ва баръакс, бартарӣ дошт, бактериемия нисбат ба табларзаи этиологияаш номаълум бештар ба қайд гирифта шуд, дар индуксия 7,0 дар муқобили 3,0 дар заминаи истифода кардани препаратҳои зиддибактериалӣ (p<0,001).

Бояд қайд кард, ки дар протсесси индуксия ва консолидатсия 10 ҳолати бактериемия ташхис карда шуд. Таҳлили бактериологӣ нишон дод, ки як барангезанда дар 8 (80,0%) ҳолат ва дар 2 (20,0%) ҳолат якҷояшавии якчанд барангезанда ба назар расид *(K. pneumoniae* и *E. asburae, E. coli* и *C. youngae, B. cereus и E. faecalis*).

Мавқеи пешсафиро дар байни барангезандаҳои бактериемия *E. coli* (24%) ва *Salmonellaspp.* (23%) ишғол мекунанд, баъдан *K. pneumoniae* (15%), *S. aureus* (9%) ва *B. cereus* (10%) меоянд, хеле кам *E. faecalis* (5%), *E. asburae* (8%) ва *C. youngae* (6%) муайян карда шуд.

Бояд гуфт, ки дар байни микроорганизмҳои грамманфӣ энтеробактерияҳо (n = 10) дида шуданд, ки ***Salmonella***spp. (30%) бо ***E. coli*** (30%) ва ***K. Pneumonia(20%).*** рақобат доштанд

Таҳлилҳои бактериологӣ таносуби ягонаи ҳам микроорганизмов граммусбат ва ҳам грамманфиро нишон дод (51,0% ва 49,0%). Мавқеи пешсафиро E.coli (30,0%), гурӯҳи Streptococcus (20,0%) ва S. epidermidus (11,0%) ишғол кардаанд.

Дар давраи пешравии манзараи клиникӣ ва гематологӣ нишондиҳандаҳои иммунитет дар кӯдакони гирифтори ЛШЛ омӯхта шуд. Саҳеҳан маҳв шудани миқдори умумии лейкоситҳо то 3,3 ҳ/л бо зиёд будани миқдори лимфоситҳо - 87±9,9% (p<0,05) муқаррар карда шуд, миқдори мутлақ 2,9 ҳ/л (p<0,05)-ро ташкил дод аз ҳисоби зиёд шудани ҳуҷайраҳои ноболиғи лимфобластӣ ва партоби онҳо ба хуни гардишкунанда, ки ба зиёдшавии миқдори нисбии лимфоситҳо оварда мерасонад.

Ҳангоми омӯхтани натиҷаҳои иммуннофенотипсозии нишондиҳандаҳои лимфоситҳо маҳв шудани ҳама параметрҳои Т-лимфоситҳои болиғ (СД3) - мутаносибан 0,9 /л ва 42,7% (p<0,05), ҳамчунин маҳв шудани популятсияи онҳо дида шуд: СД4 то 41,7±3,6%, СД8 то 21,7±2,4% (p<0,05). Натиҷаҳои таҳлили курси химиотерапияи гузарнидашуда дар беморони гирифтори ЛШМ дар марҳилаи табобат (оғоз, индуксия ва миёнаи консолидатсия) мувофиқи схемаи AUBFM 90 нишон дод, ки дар аввали гузаронидани химиотерапияи барномавӣ шуд. Аз 32 бемори дорои ЛШМ дар 87% ҳолат гранулоситопения дида шуд ва дар марҳилаи гузаронидани табобат то 76% коҳиш ёфт. Яке аз таъсирҳои манфии асосии химиотерапия ин дисфунксияи роҳҳои ҳозима буд, бо пайдо шудани норасоии энтералӣ. Мо барои пешгиӣ ва ислоҳи ин ихтилолҳо то ва дар марҳилаи табобат пробиотикҳоро истифода кардем.

Нишондиҳандаи асосӣ барои истеъмоли доруворихои антибактериалӣ сирояти аз ҷиҳати клиникӣ муқарраркардашуда дар 46% дар протсесси индуксия ва дар 31,0% дар марҳилаи консолидатсия буд, пневмонияи яктарафа ва ё дутарафа мутаносибан дар 24 ва 11 ҳолат ба назар расид. Протсесси сироятӣ бо осеб дидани бофтаҳои нарм дар заминаи консолидатсия ба таври назаррас баланд аст, назар ба давраи индуксия, мутаносибан 19 ва 13 ҳолат. Бояд зикр кард, ки дар протсесси ХТ-и гузаронидашуда дар 66 (37,3%) ҳолат гипертермияи этиологияаш номаълум дида шуд, ки ин барои таъйин кардани антибиотикҳо нишондод буд. Гипертермияи этиологияаш номаълум дар протсесси консолидатсия дар 20,0% ҳолат назар ба давраи индуксия зиёд буд.

Дар лаҳзаи дар клиника бистарикунонидан дар 71 (83,5%) аз 85 бемори таҳқиқшудаи кудакони гирифтори ЛШМ зуҳуроти септики генезаш гуногун доштанд: стафилококки тиллоранг - дар 15 (17,6%), стрептококк - дар 7 (8,2%). Дар кӯдакони синну соли калонтар флораи грамманфӣ (стрептококк) дар миқдори баробари кӯдакон - бо 19 (22,3%) кишт шудааст. Таҳқиқоти микрофлораи роҳҳои ҳозима дар кӯдакони бемори дорои ЛШ муайян кард, ки ҳангоми дохил шудан дар 27 бемор стрептококк (31,8%) ба мушоҳида расид, комбинатсияи якчанд флора дар 16 (18,8%) бемор мавҷуд буд.

Ҳангоми гузаронидани табобати комплексӣ флораи рӯдаҳо тағйир ёфт, фоизи қаламчаи рӯдаҳо то 20% боло рафт. Қайд кардан зарур аст, ки дар лаҳзаи дохил шудан ба муассисаи табобатӣ ва дар фазаи протсесси фаъол стафилококки тиллоранг ва стрептококк дар кӯдакони гӯрӯхи назоратӣ (35,8%) хеле бартарӣ доштанд. Ҳамин тавр, дар беморони гирифтори ЛШЛ миқдори бифидумбактерияҳо каме паст шуда, онҳо 31,2% ва 12,1% -ро ташкил доданд.

Ҳангоми истифода намудани табобати комплексӣ бо назардошти ҷанбаҳои бактериологӣ антибиотикҳоро вобаста аз ҳассосияташон ба се гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст. Дар ин маврид гурӯҳи қатори сефалоспоринҳо самараноктар буд: нисбат ба онҳо ҳассосият дар зиёда аз 60%-и стафилококкҳои тиллоранг боқӣ монд. Доруворихои зикршударо бо назардошти синну сол, вазн ва махсусан нишондиҳандаҳои бактериологӣ истифода бояд кард.

Дар гурӯҳи дуюм он маводҳоро истифода карданд, ки нисбат ба онҳо микробҳо дар натиҷаи муддати тӯлонӣ истеъмол кардан, резистентнокӣ доштанд.

Дар кӯдакони бемори дорои ихтилолҳои дисбиози рӯдаҳо ва зуҳуроти норасоии энтералӣ маҳв шудани бифидумбактерияҳо ва зиёд шудани комбинатсияи стафилококкҳои тиллоранг ва қаламчаи рӯдаҳо ба мушоҳида мерасад.

Ҳамин тавр, тағйир ёфтани нишондиҳандаҳои бактериологии флораи рӯдаҳо дар беморони дорои лейкози лимфобластӣ аз тағйир ва дисфунксияи узвҳо вобаста аст, ки ташхис ва пешгӯйии табобатро ҳангоми асоснок гузаронидани химиотерапия муайян мекунад. Деконтаминатсия тактикаи табобати педиатриро бо мақсади профилактикаи оризаҳо муайян мекунад.

Таҳқиқоти бактериологии кӯдакон дар марҳилаи ибтидоии химиотерапия тағйироти биотсензи рӯдаҳоро нишон дод: дараҷаи I дар 43,6%; дараҷаи II дар 40,66% беморон; дар 9,3% -и кӯдакон ихтилоли флораи рӯдаҳо дараҷаи III муайян карда шуд, таҳқиқшудагон дар давраи III, дараҷаи IV – низ дару 9,5% беморон мавҷуд буд.

Дар 60,1% -и кӯдакон то саршавии табобат 10^9 КОЕ/г бифидобактеринҳо ба муайян карда шуд, дар 9,33%-и беморони таҳқиқшуда то гузаронидани полихимиотерапия бифидобактерияҳо муайян карда нашуданд.

Дар протсесси 199 курси пурраи химиотерапия зарурат ба истифода кардани антибиотикҳо дар 177 ҳолат ба амал омад. Истеъмоли воситаҳои антибактериалӣ дар марҳилаи индуксия (86), назар ба давраи мушоҳидаҳои динамикӣ (консолидатсия) (91) камтар буд, спектри антибиотикҳо ва натиҷаҳои ба даст овардашуда дар таҳқиқоти мо инъикос ёфтаанд.

Ҳангоми истеъмол намудани антибиотикҳои марҳилаи аввал динамикаи позитивӣ дар 71 (35,7%) кӯдаки гирифтори ЛШМ аз 177 ҳолати оризаҳои сироятӣ-илтиҳобӣ ба мушоҳида расид, ки нисбат ба марҳилаи консолидации, дар протсесси индуксия (48,3% дар муқобили 31,4%) зиёд буд.

Аз 53 кӯдаки дорои ташхиси верификатсионӣ ЛШЛ дар протсесси 255 курси полихимиотерапия зарурати истеъмол кардани доруворихои зиддимикробӣ дар 53 ҳолат ба амал омад. Истифодаи антибиотикҳо дар протсесси гузаронидани химиотерапия (индуксия) назар ба муоинаи динамикӣ (консолидатсия) пас аз анҷом ёфтани ХТ саҳеҳан зидтар ба мушоҳида расид, 62,2% дар муқобили 37,7%.

Натиҷаҳои ба даст овардашударо ҷамъбаст намуда, бояд қайд кард, ки динамикаи мусбат аз истифодаи антибиотикҳои қатори 1 то 64,1% мерасад. Бинобар сабаби самаранок набудани антибиотикҳои қатори 1 дар 35,8% ҳолат зарурати таъйин кардани имипенема ба миён омад, пурра қатъ кардани аксуламали илтиҳобӣ дар монорежим дар 42,1% ҳолат дида шуд.

Зарурати қатъ кардани препаратҳои антибактериалӣ то нест кардани гранулоситопения дар 43,3%-и ҳолатҳо дида шуд, саҳеҳан бештар дар протсесси химиотерапия (индуксия). Бояд қайд кард, ки бозгашти гипертермия танҳо дар протсесси индуксия ба мушоҳида расид. Давомнокии тӯлонии антибиотикотерапия бо истифодаи доруворихои марҳилаи якум ва имипенема дар алоҳидагӣ 14 ва 12 шабонарӯзро ташкил дод, ки дар протсесси индуксия хеле тӯлонитар аст.

Таъсири муҳими маводҳои антибактериалии марҳилаи якум дар гурӯҳи кӯдакони дорои гипертермияи генезаш номаълум дар муқоиса аз сирояти аз ҷиҳати микробиологӣ верификатсияшуда ба чашм расид. Фавтият дар гурӯҳи кӯдакони дорои ЛШЛ дар протсесси консолидатсия дар як кӯдак дида шуд, ки сабабаш бронхопневмонияи дутарафа буд.

Ҳамин тавр, дар протсесси таълифи диссертатсия нақши омилҳои этио-патогенетикии

пайдошавии протсессҳои сироятӣ-илтиҳобӣ дар беморони гирифтори ЛШ, ҳамчунин аҳамияти истифодаи маводҳои антибактериалӣ ҳам дар марҳилаи индуксия ва ҳам дар марҳилаи консолидатсия муқаррар карда шудааст. Инчунин коррелятсияи байни тухмгузории қабати луобии рӯдаҳо ва пайдо шудани протсесси сироятӣ-илтиҳобӣ муайян карда шуд. Бо усули клиникӣ-лабораторӣ эҳтимолияти қатъ кардани дорувориҳои антибактериалӣ дар заминаи гранулоситопения бо натиҷаҳои мусбат муқаррар карда шуд.

Дар хотима қайд кардан мумкин аст, ки масъалаи этиология, ҷараёни клиникӣ, ташхис ва натиҷаҳои табобати оризаҳои сироятӣ дар беморони гирифтори гемобластозаҳо ниҳоят муҳим мебошанд, зеро танҳо дар сурати муносибатҳои муосир нисбат ба сари вақт ошкор намудан ва табобати муносиб, имконияти бомуваффақият гузаронидани химиотерапияи барномавии омосҳои системаи хун имконпазир мебошад.

Омӯзиши нишондиҳандаҳои гемостаз аз меъёр хеле дур шудани ин нишондиҳандаҳоро ҳангоми дохилшавии кӯдакони гирифтори ЛШ муайян кард. Табобати комплексии интенсивии гузаронидашуда дар 2 схема дар ҳарду гурӯҳ натиҷаҳои мус- бати интизориро медиҳад. Аммо, ҳангоми муқоиса кардани маълумотҳои байни гурӯҳҳо хеле беҳтар шудани нишондиҳандаҳои гемостаза дар кӯдакони гирифтори ЛШ – гурӯҳи 2 назар ба гурӯҳи як дида мешавад, ки пеш аз ҳама бо табобати комплексии оптимизатсионии аз ҷиҳати патогенетикӣ асосноки схемаи 2 –и гирифторони ЛШ вобаста аст.

Таҳқиқоти аз тарафи мо гузаронидашудаи нишондиҳандаҳои биохимиявии хун муайян намуд, ки дар ҳама кӯдакони гирифтори ЛШЛ ва ШЛМ ҳангоми дохил шудан дар муқоиса аз гурӯҳи назоратӣ ин нишондиҳандаҳо хеле вайрон шуда буданд. Ин тағйирот, пеш аз ҳама, ба таъсири манфии маводҳои ба мақсади химиотерапия истифодашаванда вобастаанд. Ҳангоми гузаронидани табобати саривақтии комплексии интенсивӣ ислоҳи ин ихтилолҳо дар ҳарду гурӯҳ ба назар мерасад, аммо беҳтаршавии нисбатан самараноктар дар гурӯҳи 2 дида мешавад. Ин дар навбати аввал бо истифодаи табобати оптимизатсионии комплексии интенсивӣ дар беморони гурӯҳи 2 вобастагӣ дорад. Истифодаи реамберин ва ремаксол дар табобати комплексӣ, ба шарофати таъсири антиоксидантӣ ва дезинтоксикатсионӣ натиҷаи мусбат медиҳад.

Хулоса

1. Дар спектрограммаи протсессҳои сироятӣ-илтиҳобӣ, дар кӯдакони гирифтори ЛШ ҷои асосиро ҳам то химиотерапия ва ҳам дар давраи консолидатсия E.Coli дар 45,0% ишғол мекунад [1-М; 3-М].
2. Предикторҳои клиникӣ-пешгӯйикунандаи ЛШ дар кӯдакон синдроми норасоии энтералӣ, транслокатсияи бактерияҳо аз қабати луобӣ аз ҳисоби вайрон шудани функсияи монеагии (барерии) он, ишемияи узвҳои дарунӣ ба ҳисоб мераванд, ки ба пайдошаввии синдроми норасоии бисёрузвӣ оварда мерасонад [4-М; 5-М; 7-М].
3. Дар байни беморони таҳқиқшудаи кӯдакони гирифтори ЛШ ва ҳам бо ЛШЛ ва ЛШМ дар 39,6%-и ҳолатҳо мавқеи асосиро E.Coli касб кардаанд, ки аз 10^6 КОЕ/г баланд ҳастанд, дар 22,6% ҳолат сирояти стрептококкӣ – 10^7-10^9 КОЕ/г дида шуд. Химиотерапия механизми асосӣ дар пайдо шудани дисбактериоз ба шумор меравад, ки аз ин хусус муайян кардани сирояти стафилококкӣ дар пасафканди 8 (15,1%) кӯдак гувоҳӣ медиҳад, пас аз хатми курси навбатии химиотерапия ин нишондодҳо то 55,3% баланд шуданд, ки то 40% зиёданд, дар заминаи кам шудани миқдори бифидумбактерияҳо зиёда аз 50% баланд шудани сатҳи стафилококки тиллоранг ва қаламчаи энтералӣ зиёда аз 70% ба назар расид [2-М; 4-М].
4. Ҳангоми гранулоситопения дар кӯдакони гирифтори ЛШ пас аз химиотерапия барвақт қатъ кардани маводҳои антибиотикҳо, зиддинишондод ба ҳисоб намеравад. Барвақт қатъ кардани маводҳои антибиотикҳо дар кӯдакони гирифтори ЛШЛ ва ЛШМ дар заминаи гранулоситопения ба натиҷаҳои табобат таъсири манфӣ намерасонад, ретсидивҳои гипертемия дар кӯдакони дорои гранулоситопения тӯлонимуддат ташхис карда мешавад. Тухмгузории энтеробактерияҳо дар қабати луобии рӯдаҳо, ки бета-лактамази спектраш васеъ тавлид мекунанд, нишонаи имконпазирии бактериемия аст, ки сабаби он худи ҳамин микроорганизмҳо ба ҳисоб мераванд ва табобати антибактериалӣ бояд хусусияти тӯлониро гирад [5-М].

5. Истифодаи антиоксидантҳо ва препаратҳои дезинтоксикатсионии реамберин ва ремаксол дар табобати комплексии интенсивии кӯдакони гирифтори ЛШ ба беҳтаршавии баъзе нишондодҳои гемостаз, реологияи хун, ва паст шудани дараҷаи синдроми интоксикатсияи эндогенӣ оварда мерасонад [4-М; 7-М].

Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот

1. Дар кӯдакони гирифтори лейкози шадиди миелобластӣ ва лимфобластӣ бо мақсади табобати нишонрас барвақт муайян кардани барангезанда ва лонаи протсесси сироятӣ зарур аст. Чунки аз ин пешгӯии табобат дар робита бо оризаҳои сироятии лейкози шадид, ҳам дар протсесси химиотерапия ва ҳам муоинаи динамикӣ вобаста аст.

2. Дар кӯдакони гирифтори лейкози шадиди миелобластӣ ва лимфобластӣ асосан истифодаи антибиотикҳои нисбат бактерияҳои бета-лактамаз-тавлидкунанда ҳассос тавсия карда мешавад.

3. Нишондиҳандаи асосӣ барои гузаронидани антибиотикотерапия сироятӣ аз ҷиҳати клиникӣ-лабораторӣ муқарраршуда, гипертермияи этиологияаш номаълум ва бактериемия ба ҳисоб меравад. Ба сифати барангезанда, асосан, микроорганизмҳои грамманфӣ –дар 65% -и ҳолатҳо баромад мекунанд.

4. Антибиотикҳои қатори якум дар табобати гипертермияи генезаш номаълум назар ба сирояти лабораторӣ-верификатсионӣ самараноктар будааст. Таъйин кардани препарати антибактериалӣ - имипенем хеле кам, натиҷабахшии он дар монорежим саҳеҳан баланд аст, назар ба комбинатсияҳо, ки ин таъсири манфии вайро хеле кам месозад.

5. Дар кӯдакони гирифтори лейкози шадиди миелобластӣ ва лимфобластӣ ба таври клиникӣ-лабораторӣ имконияти муқаррар кардани барвақт қатъ намудани препаратҳои антибактериалӣ дар заминаи гранулоситопения зарур аст, зеро бозгашти гипертермия дар 32%-и ҳолатҳо бо фосилаи 6 шабонарӯз, пас аз анҷом додани антибиотикотерапия дар заминаи гранулоситопенияи тӯлонӣ муайян карда шудааст. Ҳамчунин омӯхтани тухмгузории микробии бактерияҳои резистентнокиашон гуногун дар қабати луобии рӯдаҳо муҳим мебошад, чунки ин ба самаранокии табобати антимикробӣ дар кӯдакони гирифтори лейкози шадид таъсир мерасонад.

6. Дар кӯдакони гирифтори лейкози шадид истифода намудани маводҳои антиоксидантӣ ва дезинтоксикатсионӣ, ба монанди реамберин ва ремаксол дар табобати комплексӣ барои беҳтар сохтани нишондиҳандаҳои гемостаз ва паст кардани дараҷаи интоксикатсия дар ин беморон зарур аст, чунки дар мавриди табобати махсуси зиддиоммосӣ интоксикатсияи эндогеннӣ пайдо мешавад, ки ослоҳи мувофиқро талаб мекунад.

Интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия
Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда

[1-М] Караев И.И. Изучение деятельности пищеварительной системы у детей с лимфобластным лейкозом острого течения [Текст] / И.И. Караев, Р.А. Рахматова // Вестник последипломного образования в сфере здравоохранения Республики Таджикистана. - 2018. - №2. - С. 34-37.

[2-М] Караев И.И. Нарушения деятельности пищеварительной системы у детей с лимфобластным лейкозом острого течения и их профилактика [Текст] / И.И. Караев, Р.А. Рахматова, Г.Т. Бакиева // Вестник Академии медицинских наук Таджикистана. - 2019. - Т. 9. №2 (30). - С. 159-163.

[3-М] Караев И.И. Особенности инфекционных осложнений у детей с острым лимфобластным лейкозом [Текст] / И.И. Караев [и др.] // Здравоохранение Таджикистана. 2020. - №4. - С. 28-33.

[4-М] Караев И.И. Современные аспекты септических осложнений у детей с острым миелобластным лейкозом на этапах химиотерапии [Текст] / И.И. Караев [и др.] // Здравоохранение Таджикистана. - 2021. - №1. - С. 90-98.

[5-М] Караев И.И. Баъзе мулоҳизаҳо оиди табобати алоими камхунӣ дар беморони гирифтори лейкемияи шадиди миеолидӣ дар натиҷаи по-лихимиотерапияи шадид [Матн] / И.И. Караев [ва диг.] //Авҷи Зуҳал. - 2021. - №2. - С. 37-40.

[6-М] Караев И.И. Состояние некоторых показатели гемостаза у детей с острым лейкозомпосле химоитерапии [Текст] / И.И. Караев // Здравоохранение Таджикистана. Душанбе. - 2022. - №1. - С. 42-49.
[7-М] Караев И.И. Оғози миелолейкози музмин бо приапизм [Матн] / И.И. Караев [ва диг.] // Авджи Зухал. – 2022. – No. 3. – С. 25-29.

Мақолаҳо ва фишурдаҳои мавод дар мачмӯаҳои конференсияҳо

[8-М] Караев И.И. Прогнозирование возникновения инфекционных осложнений после проведения химиотерапии у больных с острыми лейкозами [Текст] / И.И. Караев, М.Д. Муродов // Педиатрия и детская хирургия Таджикистана. - 2017. - №2 (34). - С. 31-34.
[9-М] Караев И.И. Микробиоценоз кишечника у детей при лим-фобластном лейкозе и его коррекция [Текст] / И.И. Караев // Педиатрия и детская хирургия Таджикистана. - 2017. - №3 (35). - С.44-47.
[10-М] Караев И.И. Острый лимфобластный лейкоз у детей и септическое осложнение на этапах терапии [Текст] / И.И. Караев, З.Н. Набиев // Материалы научно-практическая конференция посвященная 26-летию Независимости Республики Таджикистан «Актуальные вопросы современной онкологии»: сб тр. Курган-тюбе. - 2017. - С.40-41.
[11-М] Караев И.И. Осложнения химиотерапии при проведении программного лечения острого лимфобластного лейкоза у детей [Текст] / И.И. Караев, Р.З. Юлдошев // Материалы научно-практической конференции с международным участием посвященной 30-летию Независимости Республики Таджикистан «Современные подходы в диагностики и лечения злокачественных новообразованный в Республики таджикистан». – Душанбе. - 2019. - С. 127-135.
[12-М] Караев И.И. Оптимизация интенсивной терапии у детей с острыми лейкозами [Текст] / И.И. Караев, Т.Ш. Икромов, Б.А. Шамсов // Материалы Международной научно-практической конференции «Современные лечебные и диагностические технологии в детской онкологии и гематологии», посвященной 30-летию онкогематологической службы в РК (Казахстан, Алматы) С. 65-66.
[13-М] Караев И.И. Оценка состояния гемостаза у детей с острыми лейкозами [Текст] / И.И. Караев, Т.Ш. Икромов, Б.А. Шамсов // Материалы Международной научно-практической конференции «Современные лечебные и диагностические технологии в детской онкологии и гематологии», посвященной 30-летию онкогематологической службы в РК (Казахстан, Алматы) С. 67-70.

Монография

[14-М] Караев И.И. Особенности диагностики и лечения детей с синдромом энтеральной недостаточности при остром лимфобластном лейкозе [Текст] // И.И. Караев, М.Дж. Муродов, З.Н. Набиев. – Г.:Lambert Academie Publishing, 2018. – 144 с.

Феҳристи ихтисорҳо

ACS – Ҷамъияти америкоии онкологҳо
APACHE-III- Acute Physiology Age Chronic Health Evaluation
БЛРС - Бета-лактамази спектраш васеъ
ДТБП – Дисплазияи тафриқанашавандаи бофтаҳои пайвасткунанда
КИТ – Корҳоии илмӣ-таҳқиқотӣ
КМ – Колонизатсияи микробҳо
КОА - Комиссияи олии аттестатсионӣ
ЛШЛ –Лейкози шадиди лимфобластӣ
ЛШМ - Лейкози шадиди миелобластӣ
ЛШ- Лейкози шадид
МВО – Маркази вилоятии онкологӣ
МД ММТ – Муассисаи давлатии Маркази миллии тиббӣ
МД МҶИКПҶК ВТ ҲИА ҶТ - Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмӣ-клиникии педиатрия ва ҷарроҳии кӯдакон Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҷумҳурии Тоҷикистон».

РҲ – роҳи ҳозима
СДТНБП – Синдроми дисплазияи тафриқанашавандаи бофтаҳои пайвасткунанда
СНБУ– Синдроми норасоии бисёрузвӣ
СТД – Дисплазияи бофтаҳои пайвасткунанда
ТУТ – Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ
ХТ - Химиотерапия.
ECOG – Eastern Cooperative Oncology Groop
ECIL - European Conferenceon Infections in Leukemia
EGIL – Гурӯҳи аврупоӣ оид ба омӯзиши иммунологиилейкозҳо (European Group for the Immunological Characterization of Leukemia)
MODS-II - Multiple organ dysfunction syndrome
СМА – ситемаи марказии асаб
FAB – France American Britain
PAS-реаксия - Periodic Acid Schift reaction

АННОТАЦИЯ

Караев Идибек Исломудинович

«Профилактика и лечение инфекционных осложнений у детей с острым лейкозом до и после химиотерапии» по специальности 14.01.12-Онкология

Ключевые слова: Острый лейкоз, химиотерапия.

Цель исследования: Изучение результатов профилактики и терапии инфекционно-воспалительных осложнений у детей с различными формами острого лейкоза в процессе и после химиотерапии.

Методы исследования и использованная аппаратура: Все дети с острым лейкозом как в основной, так и в контрольной группах подверглись комплексному обследованию, включающему

клинические, рентгеноскопический, лабораторные анализы, УЗИ, КТ, стернальную пункцию и анализ ликвора.

Гематологический анализ проводили на автоматическом гематологическом анализаторе HTIMicroCC-20 Pluss (США), скорости оседания эритроцитов на аппарате Панченкова (Россия). Нарушение свертываемости крови определялось по методе Дуке и Ли-Уайта. Состояние иммуной системы у детей с острым лейкозом в обеих группах в период активного клинико-гематологического проявления определялось по показателям гуморального и клеточного звеньев иммунитета.

Полученные результаты и их новизна: Выявлен спектр и особенности инфекционно-воспалительных процессов у детей с острым лейкозом на этапах индукции и консолидации.

Установлено, что основным показанием для проведения антибиотикотерапии является клинико-лабораторно установленная инфекция, гипертермия неустановленной этиологии и бактериемия. В качестве возбудителя, в основном, выступают граммотрицательные микроорганизмы в 65% случаев.

Выявлено, что антибиотики первого ряда оказались более эффективными в терапии гипертермии неустановленного генеза, чем при лабораторно-верифици-рованной инфекции. Назначение антибактериального препарата - имипенем заметно реже, а его результативность в монорежиме достоверно выше, чем в комбинации, что значительно снижает его отрицательный эффект.

Выявлено улучшение показателей гемостаза и снижение степени интоксикации у детей с острым лейкозом 2 группы по сравнению с 1 группой, что связано больше всего с патогенетически основанной проведенной 2 схемой оптимизированной комплексой терапии больных, страдающих острым лейкозом с применением реамберина и ремаксола в комплексной терапии, что даёт положительные результаты, благодаря антиоксидантным и дезинтоксикационным свойствам этих препаратов.

Рекомендации по использованию: Инфекционно-воспалительный процесс может осложнить течение острого лейкоза у детей как на этапе проведения химиотерапии, так и на этапе динамического наблюдения. Диагностика инфекционно-воспалительного процесса в течении острого лейкоза у детей является основанием для применения антибактериальных препаратов. У детей с гипертермией неясной этиологии результативность антибиотиков первого ряда оказалась значительно выше, чем у группы детей с лабораторно доказанной инфекцией. Обсемененность слизистого покрова кишечного тракта энтеробактериями, продуцирующими беталактамаз расширенного спектра, считается сигналом о возможной бактеремии, причиной которой являются эти же микроорганизмы, и антибактериальная терапия носит пролонгированный характер.

Применение антиоксидантных и дезинтоксикационных препаратов, таких как реамберина и ремаксола в комплексной терапии у детей с острым лейкозом улучшает показатели гемостаза и снижает степень интоксикации у этих пациентов.

Область применения: Онкология, гематология

АННОТАТСИЯИ

Караев Идибек Исломудинович

«Пешгирӣ ва табобати мушкилиҳои сироятӣ дар кӯдакони гирифтори лейкемияи шадид пеш ва баъд аз химиотерапия» аз рӯйи ихтисоси 14.01.12 - Онкология

Вожаҳои калидӣ: лейкемияи шадид, химиотерапия.

Мақсади тадқиқот: Омӯхтани натичахои профилактика ва муоличаи асоратхои инфекционӣ ва илтихобии бачагони гирифтори шаклхои гуногуни лейкемияи шадид хангоми химиотерапия ва баъд аз он.

Методҳои тадқиқот ва дастгоҳҳои истифодашуда: Ҳама кӯдакони гирифтори лейкемияи шадид, чи дар гурӯҳҳои асосӣ ва ҳам дар гурӯҳи назоратӣ, аз муоинаи ҳамаҷониба, аз ҷумла ташхиси

клиникӣ, рентгенӣ, лабораторӣ, ултрасадо, КТ, пунксияи сина ва таҳлили CSF гузаронида шуданд.

Таҳлили гематологӣ дар анализатори автоматии гематологии HTIMicroCC-20 Pluss (ИМА), суръати таҳшиншавии эритроситҳо дар аппарати Панченков (Русия) гузаронида шуд. Ихтилоли лахташавии хун бо усули Дук ва Ли-Уайт муайян карда шудааст. Ҳолати системаи иммунии кӯдакони гирифтори лейкемияи шадид дар ҳарду гурӯҳ дар давраи зуҳуроти фаъоли клиникӣ ва гематологӣ аз рӯи нишондиҳандаҳои иммунитети гуморалӣ ва ҳуҷайравӣ муайян карда шуд.

Натиҷаҳои ба дастомада ва навгониҳои илмӣ: Спектр ва хусусиятҳои равандҳои сироятӣ ва илтиҳобӣ дар кӯдакони гирифтори лейкемияи шадид дар марҳилаҳои индуксия ва консолидатсионӣ ошкор карда шуданд.

Муайян карда шудааст, ки нишондиҳандаи асосии терапияи антибиотик ин сирояти клиникӣ ва лабораторӣ муқарраршуда, гипертермияи этиологияи номаълум ва бактериемия мебошад. Барангезанда дар 65% ҳолатҳо асосан микроорганизмҳои грамманфӣ мебошанд.

Муайян карда шуд, ки антибиотикҳои дараҷаи аввал дар муолиҷаи гипертермияи пайдоиши номаълум нисбат ба сирояти дар лаборатория санҷидашуда самараноктаранд. Таъин намудани доруи зидди бактериявӣ - имипенем ба таври назаррас камтар маъмул аст ва самаранокии он дар режими моно нисбат ба омехта ба таври назаррас баландтар аст, ки таъсири манфии онро ба таври назаррас коҳиш медиҳад.

Беҳбуди гемостаз ва паст шудани дараҷаи заҳролудшавӣ дар кӯдакони гирифтори лейкемияи шадиди гурӯҳи 2 дар муқоиса бо гурӯҳи 1 муайян карда шуд, ки ин пеш аз ҳама бо схемаи 2-юми аз ҷиҳати патогенетикӣ асосёфтаи табобати комплексии оптимизатсияшуда барои беморони гирифтори бемории гемостаз алоқаманд аст. лейкемияи шадид бо истифода аз реамберин ва ремаксол дар табобати комплексӣ, ки аз ҳисоби хосиятҳои антиоксидант ва детоксикатсияи ин доруҳо натиҷаҳои мусбӣ медиҳад.

Тавсияҳо оид ба истифода: Раванди сироятӣ-илтиҳобӣ метавонад ҷараёни лейкемияи шадидро дар кӯдакон ҳам дар марҳилаи химиотерапия ва ҳам дар марҳилаи мушоҳидаи динамикӣ душвор гардонад. Ташхиси ҷараёни сироятӣ-илтиҳобӣ ҳангоми лейкемияи шадид дар кӯдакон асоси истифодаи доруҳои зиддибактериявӣ мебошад. Дар кӯдакони гирифтори гипертермияи этиологияи номаълум, самаранокии антибиотикҳои дараҷаи аввал нисбат ба гурӯҳи кӯдакони гирифтори сирояти лабораторӣ хеле баланд буд. Ифлосшавии пардаи луобии рӯдаи рӯда бо энтеробактерияҳое, ки спектри васеъи бета-лактамазаро тавлид мекунанд, сигнали эҳтимолии бактериемияи аз ҳамин микроорганизмҳо ба вуҷуд омада ҳисобида мешавад ва терапияи антибиотикӣ хусусияти тӯлонӣ дорад.

Истифодаи доруҳои антиоксидант ва детоксикӣ, аз қабили Реамберин ва Ремаксол дар табобати комплексӣ дар кӯдакони гирифтори лейкемияи шадид гемостазро беҳтар мекунад ва дараҷаи мастии ин беморонро коҳиш медиҳад.

Соҳаи истифода: Онкология, гематология

ANNOTATION

Karaev Idibek Islomudinovich

«Prevention and treatment of infectious complications in children with acute leukemia before and after chemotherapy»

Keywords: Acute leukemia, chemotherapy,

The aim of the study: To study the results of prevention and treatment of infectious and inflammatory complications in children with various forms of acute leukemia during and after chemotherapy.

Research methods and used equipment: All children with acute leukemia, both in the main and control groups, underwent a comprehensive examination, including clinical, X-ray, laboratory tests, ultrasound, CT, sternal puncture, and CSF analysis.

Hematological analysis was performed on an automatic hematological analyzer HTIMicroCC-20 Pluss (USA), erythrocyte sedimentation rate on a Panchenkov apparatus (Russia). Blood clotting disorders were determined by the method of Duque and Lee-White. The state of the immune system in children with acute leukemia in both groups during the period of active clinical and hematological manifestations was determined by indicators of humoral and cellular immunity.

Received results and their newness: The spectrum and features of infectious and inflammatory processes in children with acute leukemia at the stages of induction and consolidation were revealed.

It has been established that the main indication for antibiotic therapy is a clinically and laboratory established infection, hyperthermia of unknown etiology and bacteremia. The causative agent is mainly gram-negative microorganisms in 65% of cases.

It was found that first-line antibiotics were more effective in the treatment of hyperthermia of unknown origin than in laboratory-verified infection. The appointment of an antibacterial drug - imipenem is noticeably less common, and its effectiveness in mono mode is significantly higher than in combination, which significantly reduces its negative effect.

An improvement in hemostasis and a decrease in the degree of intoxication in children with acute leukemia of the 2nd group compared with the 1st group were revealed, which is most of all associated with the pathogenetically based 2nd scheme of the optimized complex therapy for patients suffering from acute leukemia using reamberin and remaxol in complex therapy, which gives positive results due to the antioxidant and detoxifying properties of these drugs.

Recommendation for the usage: An infectious-inflammatory process can complicate the course of acute leukemia in children both at the stage of chemotherapy and at the stage of dynamic observation. Diagnosis of an infectious-inflammatory process during acute leukemia in children is the basis for the use of antibacterial drugs. In children with hyperthermia of unknown etiology, the effectiveness of first-line antibiotics was significantly higher than in the group of children with laboratory-proven infection. The contamination of the mucous membrane of the intestinal tract with enterobacteria producing extended spectrum beta-lactamase is considered a signal of a possible bacteremia caused by these same microorganisms, and antibiotic therapy is of a prolonged nature.

The use of antioxidant and detoxifying drugs, such as Reamberin and Remaxol in complex therapy in children with acute leukemia, improves hemostasis and reduces the degree of intoxication in these patients.

Field of application: Oncology, hematology